**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.**

Дар «Шоҳнома», Фирдавсӣ бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ таваҷҷуҳи хосса равона намудааст, ки аз тарафи муҳаққиқони зиёде мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Яке аз самтҳои асосии таҳқиқи афкори Фирдавсӣ масъалаи ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ки омӯзиши он дар шароити имрӯза саривақтӣ ва муҳим ҳисобида мешавад. Он имкон фароҳам меорад, ки назарияи рушди иҷтимоии ҷамъият дар шароити имрӯза таҳия гардида мавриди истифода қарор дода шавад ва дар заминаи он камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда шаванд.

Омӯзиши ақидаҳои Фирдавсӣ моро бо равандҳои асосии рушди ҷомеа шинос намуда, имкон фароҳам меорад, ки ба проблемаҳои ҷамъият ва давлату давлатдорӣ равшанӣ андозем ва донишу малакаҳои бадастомадаро дар ҷаҳони пуртаззоди имрӯза истифода барем. Ҷанбаҳои таърихӣ ва хусусияти таърихию – асотирии «Шоҳнома» бо дарназардошти ташаккули афкори фалсафии Фирдавсӣ дар шароити имрӯза муҳимият пайдо намудааст.

Омӯзиши афкори иҷтимоӣ – фалсафии Фирдавсӣ метавонад барои устувор гардидани пояҳои давлату давлатдорӣ мусоидат намуда, ба баланд гардидани ифтихори миллии ҷавонони имрӯза дар Тоҷикистон ҳамчун заминаи боъэтимод баромад намояд.

Масъалаҳои мухталифе, ки дар доираи баҳсҳои “Шоҳнома” мавҷуданд, аз ҷониби муҳаққиқони гуногун мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор гирифта бошанд ҳам, лекин афкори иҷтимоӣ-фалсафии Фирдавсӣ, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, амният ва ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ то ба ҳол ба таври муназзам таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши маҷмӯавии афкори иҷтимоӣ – фалсафии Фирдавсӣ дар чаҳорчӯбаи таҳлил ва таҳқиқоти таърихӣ–фалсафӣ саривақтӣ буда, муҳимияти таҳқиқи мавзӯи мазкурро муайян намудааст.

Диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ», ба таҳқиқи афкори иҷтимоӣ-фалсафии Фирдавсӣ бахшида шудааст, ки аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мақсади аслии муҳаққиқ аз таҳлили афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ оид ба

ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ дар «Шоҳнома» иборат аст, чунки то кунун ин паҳлӯи афкори Фирдавсӣ ба шакли монографӣ таҳқиқ нашудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия Азизов Комил ҳамаи таҳқиқоти пешинро оид ба афкори иҷтимоӣ-фалсафии Фирдавсӣ, ки анҷом пазируфтаанд, як-як баён дошта, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, навовариҳо, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, методҳои таҳқиқот ва масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, бо як низоми муайян баён доштааст, ки бозгӯи дастрасии хуби муҳаққиқ ба мавзӯъ аст.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои иҷтимоиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ**" аз ду зербоб иборат аст, ки дар он масоили заминаҳои назариявию методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ, моҳият, хусусиятҳо ва самтҳои инкишофи ифтихори миллӣ дар шароити муосири рушди давлату давлатдорӣ, заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ таҳқиқ ва таҳлил гардидаанд.

Боби дуюм **"Таҷассуми давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ"** аз се зербоб иборат аст, ки дар он масъалаҳои мухталифи сулҳу амният, роҳу воситаҳои таъмини бехатарӣ, ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Илова бар ин, дар ин боб "Шоҳнома" ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ифтихори миллӣ ва давлату давлдатдорӣ баррасӣ карда шудааст.

Хулосаи таҳқиқотро унвонҷӯ ба таври мушаххас ҷамъбаст намудааст. Автореферати диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович бо забони равони илмӣ нигошта шуда, андешаронӣ, сабки нигориш, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзӯъ назаррасанд.

Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои диссертатсияро бозгуӣ мекунанд. Аз баррасии автореферат ба назар мерасад, ки он корӣ анҷомёфтаи илмӣ буда, бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар омӯзиши афкори иҷтимоиву фалсафии Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Сохтор ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, автореферат мундариҷаи таҳқиқоти илмиро инъикос менамояд.

Новобаста аз бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур медонем:

-дар бозгӯии муҳтавои бобҳо ва зербобҳо дар автореферат иқтибосе оварда нашудааст;

-беҳтар мешуд, агар муаллиф автоpефератро ба қадри имкон васеъ менамуд.

Камбудиҳое, ки ин ҷо баён кардем, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Азизов Комил «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар "Шоҳнома" – и Абулқосим Фирдавсӣ», аз рӯи моҳияти мавзӯи таҳқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни таҳқиқот, дастрасӣ ба маводи таҳқиқшаванда, шеваи таҳқиқ, аҳамияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа комилан мувофиқ аст ва муаллиф сазовори унвони илмии номзади илмҳои фалсафа мебошад.

Мудири кафедраи забони франсавии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
Раиси ҷамъияти дӯстии
"Тоҷикистон-Франсия",
номзади илмҳои фалсафа, дотсент Султонзода С.А.

Имзои дотсент С. Султонзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Д.Қ.